# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.09.2025, № 107

Барои сазовор донистани Шодиматова Малика Каримбердиевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №22/шд) аз 3-юми июли соли 2025 бо суратҷаласаи №104 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шодиматова Малика Каримбердиевна 4-уми августи соли 1963 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 1986 факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносовро аз рӯйи ихтисоси журналистика (корманди адабии рӯзнома) хатм кардааст.

Солҳои 2004 - 2014 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистика Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ - таҳқиқӣ машғул шудааст.

Аз соли 1995 то соли 2005 ба ҳайси ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва аз соли 2005 то имрӯз ҳамчун муаллими калони кафедраи мазкур фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» **Низомӣ Санавбар Фахрӣ.**

**Муқарризони расмӣ**: **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,

Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия бо Тоҷикистон» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ **Иброимова Гуландом Наимовна**, эксперт – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи мазкур **Холназаров Рухулло Муҳаммадович**, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент **Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич** имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот (солҳои 2003-2023)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Шодиматова, М.К. Таърихи тибби форсу тоҷик ва ташаккули истилоҳоти илмӣ дар замони муосир / М.К. Шодиматова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (271). – С. 325-330.

[2-М]. Шодиматова, М.К. Корбурди истилоҳоти тиббии арабӣ дар забони матбуот / М.К. Шодиматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №2. – С. 75-81.

[3-М]. Шодиматова, М.К. Нақши пасвандҳо дар ташаккули истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ (дар асоси маводди забони матбуоти даврӣ) / М.К. Шодиматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №3. – С. 64-69.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Шодиматова, М.К. Саҳми устод Айнӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ / М.К. Шодиматова // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илми тиб дар асри XXI – назар ба оянда» бахшида ба 80-солагии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021)» (Душанбе: ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, 29.11.2019). – Душанбе, 2019. – С. 444-445.

[5-М]. Шодиматова, М.К. Доир ба тарҷумаи истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти муосири тоҷик / М.К. Шодиматова // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (Душанбе: ДМТ, 22-23.10.2020). – Душанбе, 2020. – С. 162-165.

[6-М]. Шодиматова, М.К. Истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ ва рушди он дар замони муосир / М.К. Шодиматова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии (III-солона) МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон», бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Данғара: ДДТХ, 16.12.2022). – Данғара, 2022. – С. 488-489.

[7-М]. Шодиматова, М.К. Истилоҳоти тиббӣ ва баъзе хусусиятҳои он дар осори бадеӣ / М.К. Шодиматова // Маводди 71-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Инноватсия дар тиб – аз илм ба амалия» (Душанбе: ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, 01.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 724-726.

[8-М] Шодиматова, М.К. Забони матбуот ва ташаккули истилоҳоти тиббӣ дар замони муосир / М.К. Шодиматова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва

медиалингвистика: проблема ва дурнамо» (Душанбе: ДМТ, 07.05.2024). – Душанбе, 2024. – С. 93-100.

[9-М. Шодиматова, М.К. Меъёри забони адабӣ ва забони баъзе нашриёҳои даврӣ / М.К. Шодиматова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо» (Душанбе: ДМТ, 07.05.2024). – Душанбе, 2024.– С. 157-163.

[10-М]. Шодиматова, М.К. Доир ба баъзе хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик / М.К. Шодиматова // Забон ва Истиқлол. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2024.– С. 366-374.

[11-М]. Шодиматова, М.К. Забоншиносони тоҷик ва таҳқиқи истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ / М.К. Шодиматова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон», бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (V-солона) дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами тиб ва маълумоти олии тиббӣ» (Данғара: ДДТХ, 29.11.2024). – Данғара, 2024. – С. 651-652.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе **Мухторов Зайнидин Мухторович** мусбат буда, ҳамзамон, бо зикри дастовардҳои илмӣ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар банди 8-уми «Тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ» чунин таъкид мешавад: «Тавсияву пешниҳоди мавзуъҳои илмӣ барои таълифи рисолаҳои магистрӣ ва номзадиву докторӣ (PhD) дар заминаи маводди забони ВАО». Аммо беҳтар мебуд, ки унвонҷӯй маҳз кадом самтҳои ҳанӯз аз таҳқиқ берунмондаи ин риштаро чун масъалаи мубрам ва қобили таҳқиқи оянда мушаххас менамуд.

2. Дар гунаҳои тоҷикӣ ва русии автореферат баъзе камбудиҳои техникӣ (7, 11, 15, 18, 22) ва имлоӣ (6, 8, 14, 17, 23) мушоҳида мешаванд.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** мусбат буда, дар баробари қайд намудани дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин зикр шудаанд:

1. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ дар муқаддимаи автореферат ва диссертатсия ба дараҷаи омӯзиши мавзуъ диққати хосса дода, бештар номи муҳаққиқони тоҷикеро, ки бевосита таҳқиқоти хешро дар ин самт анҷом

додаанд, меовард. Аз мадди назари муҳаққиқ номи муҳаққиқон Ш. Исмоилов, Н. Гадоев, Р. Сангинова ва Г. Абдуллоева, ки истилоҳоти тиббиро дар доираи лаҳҷаву шеваҳои муайян таҳлил намуда, хусусиятҳои фарққунандаи онҳоро аз забони адабӣ нишон доданд дур мондааст.

2. Ҳарчанд номи диссертатсия «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» аст, аммо дар дохили кор ба нишон додани замон на чандон диққат дода шудааст. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ ин гурӯҳи истилоҳотро давра ба давра бо нишон додани сол тақсимбандӣ менамуд, дар он вақт кор бо номаш мувофиқат мекард.

3. Дар фишурдаи диссертатсия дар саҳифаҳои 10, 15, 17, 22 ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар расид.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ **Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович** низ мусбат буда, муқарриз дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ аз баъзе камбудиҳои ҷузъии кори таҳқиқӣ ёдовар шудааст:

1. Баъзе ҷумлаҳо аз ҷиҳати услуб ва мантиқ каме коҳиш ёфтаанд. Масалан: «Устод Садриддин Айнӣ аз хусуси дар ташаккули истилоҳоти илмии забони форсӣ саҳми назаррас доштани Ибни Сино чунин баён намудааст» (автореферат, с. 5).

Ин ҷумла агар дар шакли: Устод Садриддин Айнӣ дар хусуси ташаккули истилоҳоти илмии забони форсӣ саҳми назаррас доштани Ибни Сино андешаи худро зайл ифода намудааст – баён мешуд, хубтар мебуд.

2. Дар фасли дуюми боби сеюм, ки истилоҳҳои сохта мавриди таҳлил қарор гирифтааст, калимаи гармкунак (с. 23) ба ин гурӯҳ дохил шудааст.

Вожаи мазкур аз рӯйи сохт мураккаб аст, на сохта. Ин калима аз се ҷузъ: гарм (сифат)+кун (асоси замони ҳозираи феъли кардан) + ак (пасванд) таркиб ёфтааст.

3. Дар бархе аз саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва китобатӣ роҳ ёфтааст: с. 5, 6, 7, 8, 9, 12, 15, 18, 19, 20, 23.

4. Дар рӯйхати адабиёт ҷо-ҷо нишон надодани макони нашри сарчашма ва мушаххасоти он (нашриёт, саҳифаҳо) ва риоя нагардидани хронология ба мушоҳида мерасад: с. 27, 29.

5. Номи баъзе муҳаққиқон дар рӯйхати адабиёт дар ду шакл оварда шудааст. Масалан: Қурбон, У.А. Вожаномаи тиббӣ. [Матн] / У.А. Қурбонов, рақамҳои 20, 21 (с. 28).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид

карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосири тоҷикиву хориҷӣ дар заминаи таҳлилу баррасии истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ **мушаххас шуда,** дар самти таъиншуда **татбиқ гардидаанд**.
– таърихи пайдоиши низоми истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ **баррасӣ гардида,** ташаккулу таҳаввул ва рушди минбаъдаи истилоҳоти ин соҳа дар асоси қонуниятҳои дохилии рушди таърихии забони тоҷикӣ **муайян карда шудааст**;
– нақши луғатҳо ва фарҳангҳои соҳавӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ **таъин гардидааст.**
– усулҳои мушаххаси ҳамгунсозии истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ **нишон дода шудааст**;
– нақши истилоҳоти тиббӣ дар ташаккулу такомули забони илмии тиббии тоҷикӣ **собит шудааст**;
– ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар ғанӣ гардондани таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо мисолҳои мушаххас **асоснок ва муайян карда шудааст;**
– забони матбуот ҳамчун бозтобдиҳандаи меъёрҳои забони адабии тоҷик маънидод шуда, қолабу меъёрҳои дурусти калимасозии чандинасраи забони тоҷикӣ **мушаххас карда шудааст**;
– камбудиву норасоиҳо дар истилоҳсозӣ ва истилоҳгузинӣ **нишон дода шуда,** гунаи дурусти онҳо **пешниҳод шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки вижагиҳои маъноиву луғавӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ таснифу таҳқиқи мукаммал шуда, вобаста ба хусусиятҳои сохторӣ ва лексикӣ меъёрҳои таснифи истилоҳоти тиббӣ аз рӯйи таносуби мавзуӣ муқаррар карда шудаанд. Баррасии ҷанбаҳои луғавию маъноии истилоҳоти тиббӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар муайян намудани ҷойгоҳи истилоҳоти илмӣ дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ мусоидат менамояд. Арзиши дигари назарии таҳқиқи илмӣ он аст, ки дар муайян кардани вожаҳои истилоҳии бегона дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳнамо мешавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ он дар он аст, ки маводди онро барои навиштани корҳои марбут ба истилоҳот, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии кишвар истифода кард. Натиҷаҳои пажуҳишии бадастомада барои

баргузории дарсҳои амалӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ, истилоҳсозии соҳавӣ, луғатнигории муосир ва ҳуҷҷатнигории муосир созгор мебошад.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқи илмиро имкон дорад, ҳамчун замина ва асосҳои назарӣ дар омӯзиши истилоҳоти тиббӣ истифода намуд. Маводди ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлилии он дар таҳияи луғатҳои соҳавӣ ва муҳоваракҳои тиббӣ замина мегузорад.

Дар ҷараёни таҳқиқ ва таълифи диссертатсия аз таҷрибаи илмии муҳаққиқони забоншиноси ватаниву хориҷӣ, ки доир ба истилоҳ, истилоҳшиносӣ, махсусан, дар истилоҳоти тиббӣ пажуҳиш анҷом додаанд, истифода шудааст. Зимни баррасии масъалаҳои меҳварии диссертатсия асарҳои олимону муҳаққиқон: М.Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, М. Шукуров, С. Назарзода, П. Нуров, М.Ҳ. Султон, А. Юсупов, А. Байзоев, Қ. Тураҳасанов, В.В. Виноградов, Д.С. Лотте, Б.Н. Головин, Л.С. Пейсиков, В.П. Даниленко, А.В. Суперанская истифода шуда, ба афкори назарии онҳо истинод шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии диссертатсияро барои навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, маводди рисола ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба назария ва амалияи истилоҳсозӣ ва тайёр намудани мутахассисони бахши соҳавии тарҷумонӣ ва рӯзноманигорони тиббӣ аҳаммияти зиёд дорад. Хулосаҳои илмии таҳқиқ барои дарки дурусти истилоҳот, бартараф намудани баъзе ғалатҳои истифодаи истилоҳоти тиббӣ ва ислоҳи тарҷумаҳои носаҳеҳ имкон медиҳад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар кори диссертатсионӣ аз таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, истилоҳшиносон ва сарчашмаҳои таърихӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварӣ, таснифи истилоҳоти тиббӣ, коркарди маводди пажуҳиш, мувофиқати ҳаҷми маводди таҳқиқ, теъдоди интишорот доир ба мавзуъ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар заминаи таҳлили илмӣ пешниҳод шуда, натиҷаҳои бадастомада аз фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки амиқи масъалаҳои дар диссертатсия тарҳрезишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, тавсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мушаххас баён гардидани мавқеи ӯ доир ба мавзуи пажуҳиш муайян менамояд. Ҳамчунин, саҳми бевоситаи муаллифи рисола дар он зоҳир меёбад, ки ӯ ҷанбаҳои назарию амалии таҳқиқи

диссертатсиониро мушаххас намуда, истилоҳоти тиббии дар забони матбуоти тоҷик истифодашударо аз ҷиҳати сохтор ва маъно таҳлилу баррасӣ намудааст. Муносибати методологии муаллиф ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо истифода аз равишҳои илмии муосир дар баррасӣ ва таҳқиқи истилоҳот, муайян сохтани арзиши илмии ин воҳидҳои луғавӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17-уми снтябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Шодиматова Малика Каримбердиевна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

17.09.2025.